# Иброҳим



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.




ҲАСТӢ 10:25; 11:10


ВА ТОРАҲ СЕ ПИСАР БА ДУНЁ ОВАРД – АБРОМ, НОҲӮР ВА ҲОРОН.
АБРОМ СОРАЙРО, КИ ХОҲАРИ УГАЙИ Ӯ БУД, БА ЗАНӢ ГИРИФТ.
БАЪДИ ЧАНД МУДДАТ ТОРАҲ ПИСАРАШ АБРОМ, ВА КЕЛИНАШ СОРАЙРО ГИРИФТА, ШАҲРИ БОРАВНАҚИ УРРО, КИ ДАР БАЙНАННАҲРАЙН БУД, ТАРК КАРД.
Ӯ ҲАМЧУНИН НАБЕРААШ ЛУТРО, КИ ПАДАРИ Ӯ ҲОРОН ВАФОТ КАРДА БУД, БО ХУД ГИРИФТ.
ТОРАҲ ВА ОИЛААШ ЛАБ-ЛАБИ ДАРЁИ ФУРОТ БА САМТИ ШИМОЛУ ҒАРБ БА ҲОРОН САФАР КАРДАНД.
АЗ ОН ҶО БА КАНЪОН САФАР КАРДАН ОСОНТАР АЗ ОН БУД, КИ БО ТАМОМИ ЧОРВО ВА ДОРОИИ ХУД АЗ БИЁБОНИ КАЛОН ГУЗАШТА РАВАНД.


ПАС АЗ ОН КИ ПАДАРИ АБРОМ ДАР ҲОРОН ВАФОТ КАРД, ХУДО БА Ӯ СУХАН РОНДА, БО Ӯ АҲД Ё ШАРТНОМА БАСТ.
ПАС АЗ ОН КИ ПАДАРИ АБРОМ ДАР ҲОРОН ВАФОТ КАРД, ХУДО БА Ӯ СУХАН РОНДА, БО Ӯ АҲД Ё ШАРТНОМА БАСТ.
ДАР ОН ҶО МАН ТУРО ХАЛҚИ БУЗУРГЕ МЕГАРДОНАМ, ВА ТУРО БАРАКАТ МЕДИҲАМ.
МАН НОМИ ТУРО БУЗУРГ МЕГАРДОНАМ ВА ТУ БАРАКАТ МЕШАВӢ.
ХУДО БА АБРОМ ВА АВЛОДОНАШ ВАЪДАИ БОВАРНОКАРДАНӢ ДОД …
МАН НОМИ ТУРО БУЗУРГ МЕГАРДОНАМ ВА ТУ БАРАКАТ МЕШАВӢ.
… ВА ҲАМАИ МАРДУМИ РӮИ ЗАМИН ДАР ТУ БАРАКАТ МЕЁБАНД.
МО БОЯД БОШИШГОҲАМОНРО БА ҶОИ ДИГАР КӮЧОНЕМ – БА МАКОНИ ДУРДАСТ.
АММО, АМАК, МО АЗ ҲАР ВАҚТИ ДИГАР БЕШТАР РАМАҲО ДОРЕМ – ВА ОНҲО АФЗУНТАР МЕШАВАНД!
МАН МЕДОНАМ. ХУДОЯМОН, ХУДОИ ТАОЛО, МОРО БАРАКАТ ДОДААСТ.
АММО ХУДО ВОЗЕҲУ РАВШАН БА МАН ГУФТ, КИ МО БОЯД БА ПЕШ ҲАРАКАТ КУНЕМ.
ХУДОИ ТАОЛО БА МАН ГУФТ, КИ Ӯ …Ӯ ОДАМОНИ РӮИ ЗАМИНРО БА ВОСИТАИ МАН БАРАКАТ МЕДИҲАД.
ХУДО ГУФТ, КИ Ӯ, АЛБАТТА, БА МО РОҲРО НИШОН МЕДИҲАД.

ҲАСТӢ 12:1-3


ҲАМИН ТАВР АБРОМ ҲОРОНРО ТАРК КАРД, ЧУНОН КИ ХУДО БА Ӯ ГУФТА БУД.
ОНҲО БА СӮИ САРЗАМИНИ КАНЪОН РАВОНА ШУДАНД.
ҲАНГОМЕ КИ Ӯ НАЗДИ БУЛУТЗОРИ МӮРЕ ХАЙМА ЗАД, ОВОЗИ ХУДОРО ШУНИД, КИ БО Ӯ ГАП МЕЗАД …
ИН ЗАМИНЕРО, КИ ТУ БАР ОН ИСТОДАЙ – МАН БА НАСЛИ ТУ МЕДИҲАМ.
БА НАСЛИ МАН?
МАН ДАР ҲАМИН ҶО ОВОЗИ ТУРО ШУНИДАМ ВА ДАР ҲАМИН ҶО БАРОИ ТУ ҚУРБОНГОҲ БУНЁД МЕКУНАМ.




ҲАСТӢ 12:10-15






ҲАСТӢ 12:16-17


ТУ ЧӢ КОР КАРДӢ? ЧАРО БА МАН ДУРӮҒ ГУФТӢ, КИ Ӯ ХОҲАРИ ТУСТ?! БА МАН МАЪЛУМ ШУД, КИ ИН ЗАН ҲАМСАРИ ТУСТ!
ИН МАРДРО – ВА ЗАНИ ӮРО – АЗ ПЕШИ НАЗАРИ МАН ДУР КУНЕД, ТО КИ АҲЛИ ХОНАДОНИ МАН СИҲАТ ШАВАНД.
ОНҲО БОЯД БО ҲАМАИ ОН ЧИ БА ДАСТ ОВАРДААНД, БИРАВАНД.
АМАК, АКНУН БА КУҶО МЕРАВЕМ?
МО БА НАҶАБ БАРМЕГАРДЕМ – ВА БАЪД БА БАЙТ-ИЛ.
БО ИН ҚАДАР ЧОРВО ВА РАМАИ ЗИЁД? ОЁ ОН САРЗАМИН ҲАМАИ ИНҲОРО ТАЪМИН КАРДА МЕТАВОНАД?
ИН БАРАКАТИ ХУДОИ ТАОЛО АСТ. ҲАМАИ ОН ЧИ МО ДОРЕМ, АЗ ДАСТИ ӮСТ. Ӯ ДАР ИН САРЗАМИНИ ВАЪДАШУДА МАРО БО НЕКӮӢ ТАЪМИН МЕКУНАД. МАН БОЯД БА ҲАМИН САРЗАМИН БОЗГАРДАМ.
ХУДОЁ, ТУ МАРО БА САРЗАМИНИ ВАЪДАШУДА БАРГАРДОНДӢ. ДАР ИН ҶО МАН ТУРО ПАРАСТИШ МЕКУНАМ, ВА ХАЛҚИ ХУДРО ДАР ИН ҶО СОКИН МЕКУНАМ, ТО КИ НОМИ ТУРО МАШҲУР ГАРДОНАНД.


РАМАҲОЯТРО НИГОҲ ДОР. ПАС АЗ ОН КИ МО БА ОХИР МЕРАСОНЕМ ВА БА ЧАРОГОҲ РАВОНА МЕШАВЕМ, НӮШИДА МЕТАВОНАНД!
ЧОРВОИ ШУМО АЗ ЧОРВОИ МО БЕҲТАРАНД? ЧОРВОИ ЛУТ ҲАҚ ДОРАНД ҲАМОН ҚАДАРЕ КИ ДАРКОР АСТ, ОБ НӮШАНД.
ХОҶАИ МО АБРОМ СОҲИБИ ИН ЧИЗҲОСТ ВА Ӯ БУЗУРГТАР АСТ, ВА РАМАҲОИ Ӯ ҲАМЕША ДАР АВВАЛ ХОҲАНД БУД. АКНУН РАВЕД!
АМАК, ЧӮПОНОНИ МО ҶАНҶОЛ МЕКУНАНД. РАМАҲОИ ТУ ЗИЁДАНД – ВА АКНУН РАМАҲОИ МАН НИЗ ЗИЁД ШУДААНД. ИН САРЗАМИН БАРОИ ТАЪМИНОТИ ҲАР ДУИ МО КИФОЯ НЕСТ – МАН БОЯД РАВАМ.
МАН МЕХОҲАМ, КИ БАЙНИ МО МУНОЗИРА НАШАВАД – МО ХЕШОВАНДОНЕМ. ВА МАН НАМЕХОҲАМ, КИ БАЙНИ ЧӮПОНОНИ ТУ ВА ЧӮПОНОНИ МАН ҶАНҶОЛҲО РӮЙ ДИҲАНД …БО МАН БИЁ.
МО АЗ ҲАМ ҶУДО МЕШАВЕМ, АММО ТАМОМИ САРЗАМИН ДАР ПЕШИ ТУСТ.
ТУ МЕТАВОНӢ ҲАР ҚИСМИ ЗАМИНРО, КИ ХОҲӢ, ИНТИХОБ НАМОӢ. АГАР ТУ БА ТАРАФИ ЧАП РАВӢ, МАН БА ТАРАФИ РОСТ МЕРАВАМ. АГАР ТУ БА ТАРАФИ РОСТ РАВӢ, МАН БА ТАРАФИ ЧАП МЕРАВАМ.
ОН ҶОЙ. МАН ҶОЙҲОИ СЕРОБРО ДАР ҲАР ДУ ТАРАФИ ДАРЁИ УРДУН ИНТИХОБ МЕКУНАМ. МАН РАФТА ДАР ОН ҶО ХОНА МЕСОЗАМ – ДАР НАЗДИ САДӮМ ВА АМӮРО.
БАРОДАРЗОДААМ, МАН ИНТИХОБИ ТУРО ҚАДР МЕКУНАМ. МАН ХАЙМАҲОИ ХУДРО АЗ ИН ҶО ДУР МЕБАРАМ – НАЗДИ БУЛУТЗОРИ МАМРЕ.
БАЙНИ МО БОЯД СУЛҲУ САЛОҲ БОШАД.


БАЙНИ КИШВАРҲОИ ҲИЛОЛИ ҲОСИЛХЕЗ ДОИМО ҶАНГҲО РӮЙ МЕДОДАНД, ЗЕРО ҲАМАИ ПОДШОҲОНИ ИН ШАҲР-ДАВЛАТҲО МЕКӮШИДАНД ДОРОИ ҚУДРАТ ВА САРВАТ ШАВАНД.
ДАР ЯКЕ АЗ ЧУНИН ҶАНГҲО ШАҲРҲОИ САДӮМ ВА АМӮРО ҒОРАТ КАРДА ШУДАНД, БО ЗИМНИ ОДАМОНЕ КИ ДАР ОН МИНТАҚА СОКИН БУДАНД, АЗ ҚАБИЛИ ЛУТ ВА АҲЛИ ОИЛААШ.
БУБИН, ХОҶААМ. ЯКЕ АЗ ЧӮПОНОНИ ЛУТ НАЗДИ МО МЕОЯД.
МО БОЯД ФАҲМЕМ, КИ БА Ӯ ЧӢ ДАРКОР АСТ – УМЕДВОРАМ, КИ АҲВОЛИ БАРОДАРЗОДААМ ХУБ АСТ.
ҶАНГ ШУД.ЧОР ПОДШОҲ ЗИДДИ ПАНҶ ПОДШОҲ. БИСЁР КАСОН БА ЧОҲҲОИ ҚИР ДАР ВОДИИ СИДДИМ ҒАЛТИДАНД. ЛУТ ВА ҲАМАИ ДОРОИИ ӮРО ЯҒМОГАРОН БУРДАНД.
БА Ӯ ЧИЗЕ БАРОИ НӮШИДАН ДИҲЕД, ТО ТАШНАГИЯШРО ШИКАНАД – БАЪД Ӯ БА МО РОҲРО НИШОН ДОДА МЕТАВОНАД.
АКНУН ҲАМАИ МАРДОНИ ҶАНГОВАРРО ҶАМЪ КУНЕД – ҲАНГОМИ ҲИСОБКУНИИ ОХИРИН ОНҲО 318 НАФАР БУДАНД. МАМРЕИ АМӮРӢ, ЭШКӮЛ ВА ОНЕР ИТТИФОҚЧИЁНИ МАН МЕБОШАНД. НАЗДИ ОНҲО РАФТА, ГӮЕД, КИ БА МО ҲАМРОҲ ШАВАНД.
МО ҲОЛО БАРОИ НАҶОТ ДОДАНИ БАРОДАРЗОДААМ ВА АҲЛИ ОИЛААШ МЕРАВЕМ.
БИГУЗОР ГАПИ ШУМО ШАВАД, ХОҶААМ ИБРОҲИМ.






ҲАСТӢ 14:15-17




ҲАСТӢ 14:18-22


НАТАРС, АБРОМ, МАН СИПАРИ ТУ ҲАСТАМ, МУЗДИ ТУ ХЕЛЕ БУЗУРГ АСТ.
ПАРВАРДИГОРИ СОҲИБИХТИЁР, ТУ БА МО ЧӢ ДОДА МЕТАВОНӢ, ДАР ҲОЛЕ КИ СОРАЙ ВА МАН БЕФАРЗАНД ҲАСТЕМ.
ТУ РАВО ДИДӢ, КИ МАН ФАРЗАНД НАДОШТА БОШАМ, ВА ИНАК, ХИЗМАТГОРИ ХОНАДОНАМ ВОРИСИ МАН АСТ.
БЕРУН... ОЙ.
ХИЗМАТГОРАТ ВОРИСИ ТУ НАМЕШАВАД. ПИСАРЕ КИ АЗ КАМАРИ ТУ МЕБАРОЯД, ВОРИСИ ТУ МЕШАВАД.
БА ОСМОН НИГАР ВА ҲАМАИ СИТОРАҲОРО БИШУМОР – АГАР ИН ИМКОНПАЗИР БОШАД.
НАСЛИ ТУ ҲАМИН ҚАДАР МЕШАВАД.
АБРОМ БА СУХАНИ ХУДО БОВАР КАРД ВА ИН БА Ӯ РОСТКОРӢ ҲИСОБИДА ШУД.
ПАРВАРДИГОРИ СОҲИБИХТИЁР, МАН ЧӢ ТАВР ДОНИСТА МЕТАВОНАМ, КИ САРЗАМИНРО СОҲИБӢ ХОҲАМ КАРД?
БА МАН ҒУНОҶИН, МОДАБУЗ ВА ҚӮЧҚОР БИЁР, КИ ҲАР СЕ СЕСОЛА БОШАНД, ВА НИЗ ҚУМРӢ ВА КАБӮТАРБАЧАЕ.


ҶОНВАРОНИ ИНТИХОБКАРДААМРО ИН ҶО БИЁР. МАН ОНҲОРО БАРОИ ХУДОЯМ ҚУРБОНӢ МЕКУНАМ.
БИРАВ!
АНИҚ БИДОН, КИ АВЛОДОНАТ ДАР КИШВАРЕ КИ АЗ ОНИ ОНҲО НАБОШАД, ҒАРИБ ГАРДИДА, БА МУДДАТИ 400 СОЛ ДАР ҒУЛОМӢ МЕШАВАНД.









ҲАСТӢ 15:14 - 21


МАН МЕХОҲАМ ФАРЗАНД ДОШТА БОШАМ.
ОЁ МАН ХУДОЯМ НЕСТАМ ВА ОЁ БА ИН ҚОДИРАМ НЕСТАМ? ОН ЧИ ТУ МЕПУРСӢ, НА ДАР ИХТИЁРИ ОДАМ, БАЛКИ ДАР ИХТИЁРИ ХУДОСТ.
МАН МЕХОҲАМ ФАРЗАНД ДОШТА БОШАМ – АММО БА ВОСИТАИ КАНИЗАМ ҲОҶАР. ХУДО БА ФАРЗАНД ДОШТАНИ МАН МОНЕЪ ШУД, АММО АГАР ТУ БО КАНИЗАКАМ БИХОБӢ, МАН МЕТАВОНАМ БА ВОСИТАИ Ӯ ФАРЗАНДДОР ШАВАМ.
ОЁ БА ИН ДИЛПУР ҲАСТӢ.
ҲА.

ҲАСТӢ 16:1-4



ГАНДУМИ КӮФТАРО БАРОИ НОН БИЁР.
НАМЕОВАРАМ, МАН БОЯД ИСТИРОҲАТ КУНАМ, ТО КИ БА ШАВҲАРАТ КӮДАКИ БОҚУВВАТ ТАВАЛЛУД КАРДА ТАВОНАМ.
КӮДАК АЗ ОНИ МАН МЕШАВАД.
ТУ НАМЕТАВОНӢ, АММО МАН БА ХОҶААМОН ОН ЧИРО, КИ Ӯ ҲАМЕША МЕХОСТ, ДОДА МЕТАВОНАМ.
ДАР ОЗОРИ МАН ТУ АЙБДОР ҲАСТӢ. ТУ БО КАНИЗИ МАН ХОБИДӢ, ВА АКНУН, КИ ҲОМИЛА ШУДААСТ, МАРО ХОР МЕДОНАД.
ПАРВАРДИГОР ДАР МИЁНИ МАНУ ТУ ДОВАРӢ КУНАД.
МАН ФАҚАТ ОН ЧИРО, КИ ТУ ХОҲИШ НАМУДӢ, КАРДАМ.
АММО Ӯ ДАР ИХТИЁРИ ТУСТ – БО ВАЙ ОН ЧИ ДУРУСТ МЕҲИСОБӢ, БИКУН.
ЭЙ КАНИЗИ ТАНБАЛ – ХӮРОКРО ТАЙЁР КУН, ЧУНОН КИ ИН ПАГОҲӢ БА ТУ ГУФТА БУДАМ – ВАГАРНА МАН ТОЗИЁНАРО МЕОВАРАМ, ТО БА ТУ ЁДРАС НАМОЯМ, КИ МАН СОҲИБИ ТУ ҲАСТАМ!
АЗ ДАСТИ ТУ ҲЕҶ КОРИ ДИГАР НАМЕОЯД, ҒАЙР АЗ ЗОИДАНИ КӮДАКЕ КИ БА ҚАРИБӢ АЗ ДАСТИ ТУ МЕГИРАМ ВА ТУ ДИГАР ҲЕҶ ГОҲ КӮДАКРО БА ДАСТ НАМЕГИРӢ.




ҲАСТӢ 16:4-6


ҲОҶАР, КАНИЗИ БОНУЯТ СОРАЙ, АЗ КУҶО ОМАДАЙ ВА БА КУҶО РАВОНАЙ?
МАН АЗ БОНУИ ХУД ВА МУНОСИБАТИ БАДЕ КИ Ӯ БА МАН РАВО МЕДИД, ГУРЕХТААМ.
НАЗДИ БОНУИ ХУД БАРГАРД ВА БА ВАЙ ИТОАТ НАМО.
МАН АВЛОДОНИ ТУРО ЧУНОН АФЗУН МЕКУНАМ, КИ АЗ БИСЁРӢ ОНРО НАТАВОН ШУМУРД.
КӮДАКЕ КИ ҲОЛО ДАР БАТН ДОРӢ, ИСМОИЛ НОМИДА МЕШАВАД, ЗЕРО ПАРВАРДИГОР АЗИЯТИ ТУРО ШУНИДААСТ.
Ӯ МАРДЕ ЧУН ХАРИ ВАҲШӢ МЕШАВАД; ДАСТИ Ӯ БАР ҲАМА ВА ДАСТИ ҲАМА БАР Ӯ МЕШАВАД, ВА Ӯ ДАР ДУШМАНӢ БО ҲАМАИ БАРОДАРОНИ ХУД ЗИНДАГӢ МЕКУНАД.
ТУ ХУДОЕ ҲАСТӢ, КИ МАРО МЕБИНӢ.
АКНУН МАН КАСЕРО ДИДАМ, КИ МАРО МЕБИНАД.
ТАБРИК МЕКУНАМ, ХОҶААМ АБРОМ. АКНУН ШУМО ПИСАР ДОРЕД.
НОМИ Ӯ ИСМОИЛ МЕШАВАД.


МАН ХУДОИ ТАВОНО ҲАСТАМ, ПЕШИ МАН РОҲ РАВ ВА БЕАЙБ БОШ.
МАН АҲДИ ХУДРО БО ТУ ТАСДИҚ МЕКУНАМ ВА ТУРО ХЕЛЕ ВА ХЕЛЕ АФЗУН МЕГАРДОНАМ.
НОМИ ТУ МИНБАЪД НА АБРОМ, БАЛКИ ИБРОҲИМ МЕШАВАД, ЗЕРО МАН ТУРО ПАДАРИ ХАЛҚҲОИ БИСЁР МЕГАРДОНАМ.
МАН ТУРО ХЕЛЕ ВА ХЕЛЕ БОРВАР МЕГАРДОНАМ; МАН АЗ ТУ ХАЛҚҲОРО БА ВУҶУД МЕОВАРАМ, ВА ПОДШОҲОН АЗ ТУ БА ВУҶУД МЕОЯНД.
АҲДИ АБАДИИ МАН БО ТУ, ВА БАЪД АЗ ТУ БО АВЛОДОНИ ТУСТ.
ТАМОМИ ИН САРЗАМИНИ КАНЪОНРО, КИ ҲОЛО ТУ ДАР ОН МУСОФИР ҲАСТӢ, МАН ЧУН МУЛКИ АБАДӢ БА ТУ, БАЪД АЗ ТУ БА АВЛОДОНИ ТУ МЕДИҲАМ, ВА МАН ХУДОИ ОНҲО МЕШАВАМ.
ИН АСТ АҲДИ МАН ДАР МИЁНИ МАН ВА ШУМО ВА НАСЛИ ТУ БАЪД АЗ ТУ … ҲАР НАРИНАИ ШУМО ХАТНА КАРДА ШАВАД … ХОҲ ХОНАЗОД БОШАД, ХОҲ ЗАРХАРИД.



ҲАСТӢ 17:1-14


ЗАНАТ СОРАЙ МИНБАЪД СОРАЙ ХОНДА НАШАВАД – БАЛКИ НОМИ ВАЙ СОРО ХОҲАД БУД.
МАН ВАЙРО БАРАКАТ ХОҲАМ ДОД, ВА ПИСАРЕ НИЗ АЗ ВАЙ БА ТУ ХОҲАМ БАХШИД. ВАЙ МОДАРИ ХАЛҚҲО ВА ПОДШОҲОН ХОҲАД ШУД.
НАХОД КИ АЗ МАРДИ САДСОЛА БАЧА ШАВАД, ВА СОРО ДАР НАВАДСОЛАГӢ БИЗОЯД?
КОШКИ ИСМОИЛ ТАҲТИ БАРАКАТИ ТУ ЗИНДАГӢ КУНАД!
ВАЛЕКИН ЗАНАТ СОРО БА ТУ ПИСАРЕ ХОҲАД ЗОИД, ВА ӮРО ИСҲОҚ НОМ ҲОҲӢ НИҲОД; ВА БО Ӯ ВА БО НАСЛИ Ӯ АҲДИ ҶОВИДОНӢ БАРҚАРОР ХОҲАМ КАРД.
ДАР ҲАҚҚИ ИСМОИЛ ҲАМ ТУРО ШУНИДАМ, ВА ИНАК, ӮРО БАРАКАТ МЕДИҲАМ … ДУВОЗДАҲ АМИРОН АЗ Ӯ ПАЙДО МЕШАВАНД; ВА АЗ Ӯ ХАЛҚИ БУЗУРГЕ БА ВУҶУД МЕОВАРАМ.
ВАЛЕ АҲДИ ХУДРО БО ИСҲОҚ БАРҚАРОР ХОҲАМ КАРД, КИ СОРО ӮРО СОЛИ ДИГАР ДАР ҲАМИН ВАҚТ БА ТУ ХОҲАД ЗОИД.
ИМРӮЗ, БАРОИ ИТОАТ БА ФАРМУДАИ ХУДО, НА ТАНҲО ИСМОИЛ ВА ХУДИ МАН, БАЛКИ ҲАР НАРИНА ДАР ХОНАДОНИ МАН ХАТНА КАРДА МЕШАВАД – МУВОФИҚИ ФАРМУДАИ ПАРВАРДИГОР.


ЭЙ ХОҶААМ! АГАР ДАР НАЗАРИ ТУ ИЛТИФОТ ЁФТА БОШАМ, ХОҲИШ МЕКУНАМ БИИСТ ВА ИСТИРОҲАТ КУН. ИҶОЗАТ ДИҲЕД ПОЙҲОЯТОНРО ШӮЯМ.
ВА ЯГОН ЧИЗИ ХӮРДАНӢ ОВАРАМ, ТО КИ ҚУВВАТ ПАЙДО КУНЕД ВА ПАС АЗ ОН РАВОНА ШАВЕД.
ХУБ, ОН ЧИ ГУФТӢ, БИКУН.
ЗУД БОШ – КАМЕ АЗ ОРДИ МАҲИН ГИРИФТА, НОН ПАЗ.
ИН ГӮСОЛАИ ХУБРО ГИРИФТА, ЗУД ТАЙЁР КУН.


ЗАНАТ СОРО ДАР КУҶОСТ?
ҲАМИН ҶОСТ, ДАР ХАЙМА.
СОЛИ ОЯНДА ДАР ҲАМИН ВАҚТ ҲАТМАН НАЗДИ ТУ БАРМЕГАРДАМ, ВА ЗАНАТ СОРО ПИСАРЕ ХОҲАД ДОШТ.
МАН ФАРСУДА ШУДААМ ВА ШАВҲАРАМ НИЗ ПИР ШУДААСТ, ЧӢ ТАВР ЧУНИН ҲАЛОВАТ ДОШТА МЕТАВОНАМ?
БАРОИ ЧӢ ЗАНАТ ХАНДИДА, ГУФТ: "НАХОД КИ ҲАҚИҚАТАН ЗОИДА ТАВОНАМ?"
МАГАР БАРОИ ПАРВАРДИГОР ЧИЗИ МУШКИЛЕ ҲАСТ?
ДАР ВАҚТИ МУҚАРРАРШУДА, СОЛИ ОЯНДА ДАР ҲАМИН ВАҚТ НАЗДИ ТУ БАРМЕГАРДАМ, ВА СОРО ПИСАРЕ ХОҲАД ДОШТ.
НАХАНДИДААМ
НЕ, ХАНДИДӢ.
МО БОЯД РАВЕМ.
ИҶОЗАТ ДИҲЕД ШУМОРО ГУСЕЛ КУНАМ. МЕБИНАМ, КИ СӮИ САДӮМ НАЗАР ДӮХТАЕД.















ҲАСТӢ 18:16-26




ҲАСТӢ 18:27-33


ЭЙ ХОҶАГОНАМ, БА ХОНАИ БАНДАИ ХУД БИЁЕД ВА ИҶОЗАТ ДИҲЕД ПОЙҲОЯТОНРО БИШӮЯМ. ДАР ИН ҶО ШАБРО ГУЗАРОНЕД ВА БОБДОДОН БАРХЕСТА, РОҲИ ХУДРО ПЕШ ГИРЕД.
НЕ, ШАБРО ДАР КӮЧА МЕГУЗАРОНЕМ.
НЕ, МАН ИСРОР МЕНАМОЯМ, КИ МЕҲМОНИ МАН ШАВЕД.
ИЛДИТ – МО МЕҲМОНОН ДОРЕМ, КИ АЗ ҶОИ ДУР ОМАДААНД. ХОҲИШ МЕКУНАМ, ЗУД БАРОИ ОНҲО ХӮРОКЕ ПАЗ.
ТАҚ-ТАҚ!!
МО ДИДЕМ, КИ ДУ МАРД ИМШАБ БА ШАҲР ОМАДА БУДАНД – ОНҲО КУҶОЯНД?
ОНҲОРО НАЗДИ МО БАРОР, ТО БО ОНҲО БИХОБЕМ!
ҲАҲ-ҲАҲ-ҲАҲ. ҲА – МО БАРОИ ОНҲО ТАЙЁР ҲАСТЕМ!



НЕ, ДӮСТОН, ИН БАДКОРИРО, КИ ГУФТЕД, НАКУНЕД.
ГӮШ КУНЕД, МАН ДУ ДУХТАР ДОРАМ, КИ БО МАРДЕ НАХОБИДААНД.
МАН ОНҲОРО НАЗДИ ШУМО МЕБАРОРАМ, ТО ҲАР ЧИ ХОҲЕД, БО ОНҲО КУНЕД.
БА ИН МАРДОН ҲЕҶ КОРЕ НАКУНЕД; ОНҲО ЗЕРИ СОЯИ БОМИ МАН ОМАДААНД.
ГӮШ КУНЕД! ИН МАРДИ БЕГОНА НАЗДИ МО БАРОИ ИСТИҚОМАТ ОМАД, ВА АКНУН МЕХОҲАД ДОВАР БОШАД!
МО БА ТУ, НАЗАР БА ОНҲО, БАДТАР МУОМИЛА МЕКУНЕМ!
РОҲ ДЕҲ, ТО ДАРОЕМ!
МАН ҲЕҶ ЧИЗРО НАМЕБИНАМ – АММО БОЯД ИН ДУ МАРДИ НАВРО ЁБАМ.
ЁРӢ ДЕҲ, КИ ДАРРО ЁБАМ!
ФАРОМӮШ КУН – МАН МЕХОҲАМ АВВАЛИН ШУДА БО ОН МАРДОН БИХОБАМ.




ҲАСТӢ 19:6-11






ҲАСТӢ 19:12-14




ҲАСТӢ 19:15-23


ДАР ОН ШАҲР АҚАЛЛАН ДАҲ НАФАР РОСТКОР НАЁФТА, ПАРВАРДИГОР ОНРО ХАРОБ НАМУД.




ҲАСТӢ 19:24-25






ҲАСТӢ 19:26-29




ҲАСТӢ 19:30-38


ДАР ИН ВАҚТ ИБРОҲИМ БА МИНТАҚАИ ДИГАР КӮЧИД...
ИН ЗАН ХЕЛЕ ЗЕБОСТ.
ҲА, Ӯ ХОҲАРИ МАН АСТ.
ҲАНГОМЕ КИ ИБРОҲИМ БА ЗАМИНИ ФАЛИШТИЁН ОМАД, КИ ПОДШОҲАШОН АБИМАЛИК БУД, БОЗ ҲАМ, БА ҶОИ ТАКЯ КАРДАН БА ХУДО, БА ФИРЕБ РӮ ОВАРД.
ТУ АЗ БОИСИ ИН ЗАН, КИ БА ХОНААТ ОВАРДАЙ, МЕМИРӢ, ЗЕРО КИ ВАЙ ЗАНИ ШАВҲАРДОР АСТ.
ТУ ИН КОРРО БО ВИҶДОНИ ПОК КАРДӢ, АММО ӮРО БАРГАРДОН – Ӯ ЗАНИ ПАЙҒАМБАР АСТ.
АГАР БАРНАГАРДОНӢ, МАН ТУРО МЕКУШАМ.
ЧӢ КОР АСТ, КИ БА МО КАРДӢ? БА ТУ ЧӢ ГУНОҲ КАРДАМ, КИ БАР МО ГУНОҲИ АЗИМЕ ОВАРДӢ?
ГУМОН КАРДАМ, КИ ХУДОТАРСӢ ДАР ИН МАКОН НЕСТ, ВА АЗ БОИСИ ЗАНАМ МАРО МЕКУШАНД.
ВА ДАР ҲАҚИҚАТ НИЗ ВАЙ ХОҲАРИ МАН АСТ – ДУХТАРИ ПАДАРАМ.
БАРОИ ТУ, ИБРОҲИМ, МАН ГОВОНУ ГӮСФАНДОН ВА ҒУЛОМОН ТАЙЁР КАРДААМ – ЗАМИНИ МАН ДАР ПЕШИ ТУСТ.
ВА БА ТУ, ЗАНИ Ӯ – ИНАК, МАН ҲАЗОР СИККАИ НУҚРА БА БАРОДАРАТ ДОДАМ, ТО ИН ГУНОҲРО ПӮШОНАД.
АКНУН БАРОИ МАН ВА ХОНАДОНИ МАН ДУО КУН – ЗЕРО АЗ ЗАМОНЕ КИ ТУ БА ИН ҶО ОМАДАЙ, ҲЕҶ ЗАНЕ ДАР ХОНАДОНИ МАН ЗОИДА НАМЕТАВОНАД.


ВА ПАРВАРДИГОР БАРОИ СОРО ОН ЧИРО, КИ ВАЪДА ДОДА БУД, БА ҶО ОВАРД.
ВААААҲ!
ХОҶААМ, ТУ СОҲИБИ ПИСАР ШУДӢ.
НОМИ Ӯ ИСҲОҚ МЕШАВАД –Ӯ БА МО ХАНДА МЕОВАРАД!
ХУДО БА МАН ХАНДА ДОД ВА ҲАР КАСЕ КИ ДАР ИН БОРА ШУНАВАД, ХАНДА ХОҲАД КАРД!
КӢ ГУФТА МЕТАВОНИСТ, КИ СОРО ДАР ИН СИННИ ПИРОНСОЛӢ КӮДАК ТАВАЛЛУД МЕКУНАД?
ХУДО ВАЪДА КАРД…ВА БА МО ОН ЧИРО, КИ ВАЪДА КАРД, ДОД.
КӢ ГУМОН МЕКАРД, КИ ИН ИМКОНПАЗИР АСТ?
ХУДОИ ИБРОҲИМ БОЯД ХУДОИ ҲАҚИҚӢ БОШАД.


АММО БАРОБАРИ ОН КИ КӮДАК БА ВОЯ МЕРАСИД – МУШКИЛОТ ДАР БОШИШГОҲ САР ШУДАНД.
БА АНДОЗАИ МЕХОСТААТ БИХӮР ВА БИНӮШ. ПИСАРАМ ИСҲОҚ ДИГАР БА МОДАРАШ ВОБАСТА НЕСТ ВА МЕТАВОНАД БО МО ХӮРОК ХӮРАД.
ПИСАРИ Ӯ! АММО ПИСАРЕ КИ МАН БА Ӯ ЗОИДААМ, Ӯ ЧӢ?
ТУ ЧӢ ХЕЛ БАЧА ҲАСТӢ? ТУ ҲАТТО ДАВИДАН ВА ШИКОР КАРДАН НАМЕТАВОНӢ. ТУ ФАҚАТ ДАР АТРОФИ ХАЙМАҲО НАЗДИ МОДАРАТ БУДА МЕТАВОНӢ!
ТУ БОЯД ОН КАНИЗ ВА ПИСАРАШРО ПЕШ КУНӢ! ОНҲО НАБОЯД БО ПИСАРИ МО ДАР МЕРОС ҲИССА Ё ҲАҚ ДОШТА БОШАНД.
АММО, ОХИР, Ӯ НИЗ АЗ КАМАРИ МАН ШУДААСТ …
НЕ! Ӯ БО ПИСАРАМОН ДАР МЕРОС ШАРИК НАХОҲАД ШУД.
ИН МУШКИЛӢ ИБРОҲИМРО ХЕЛЕ НОРОҲАТ КАРД, ВА Ӯ БАРОИ ҶАВОБ БА САВОЛИ МУРАККАБИ ХУД БА ПАРВАРДИГОР РӮ ОВАРД.
БИГУЗОР ИН ТУРО НОРОҲАТ НАКУНАД – ҲАМ ПИСАР ВА ҲАМ МОДАРАШ БО ҒАМХОРӢ ФАРО ГИРИФТА МЕШАВАНД
НАСЛИ ТУ МАҲЗ БА ВОСИТАИ ИСҲОҚ БА ҲИСОБ ГИРИФТА МЕШАВАД.
ВА АЗ ПИСАРИ КАНИЗИ ТУ НИЗ ХАЛҚИ БУЗУРГЕ БА ВУҶУД МЕОВАРАМ, ЧУНКИ Ӯ НАСЛИ ТУСТ.



ҲАСТӢ 21:8-13


ПАГОҲӢ ИБРОҲИМ БА ҲОҶАР ВА ИСМОИЛ НОН ВА ОБ ДОДА, ОНҲОРО РАВОНА КАРД.
АММО САФАР ДАР БИЁБОН ТӮЛОНӢ БУД, ВА ОБИ ОНҲО ТАМОМ ШУД.
ХУДОИ ИБРОҲИМ, БА МО МАРҲАМАТ КУН – МАН БА ДИДАНИ МАРГИ ПИСАРАМ ТОБ НАМЕОВАРАМ.
НАТАРС, ХУДО ОВОЗИ БАЧАРО АЗ ОН ҶОЕ КИ ҲАСТ, ШУНИД.
ПИСАРРО БАРДОШТА, ДАСТАШРО ГИР; ЗЕРО АЗ ВАЙ ХАЛҚИ БУЗУРГЕ БА ВУҶУД МЕОВАРАМ.
ВА ХУДО ЧАШМОНИ ӮРО ВОЗ КАРД, ВА Ӯ ЧОҲИ ОБЕ ДИД, КИ АЗ ОН МАШКРО БО ОБ ПУР КАРДА МЕТАВОНИСТ.
ВА ХУДО ДАР ДАВОМИ БА ВОЯ РАСИДАНИ БАЧА БО Ӯ БУД; ВА МОДАРАШ ЗАНЕ АЗ САРЗАМИНИ МИСР БАРОИ Ӯ ГИРИФТ.


ПОДШОҲИ ОН САРЗАМИН АБИМАЛИК ВА САРЛАШКАРИ Ӯ БА НАЗДИ ИБРОҲИМ ОМАДАНД.
МО МЕДОНЕМ, КИ ДАР ҲАР КОРЕ КИ МЕКУНӢ, ХУДО БО ТУСТ.
НАЗДИ ХУДО ВАЪДА ДЕҲ, КИ БА МАН ВА БА НАБЕРАВУ АБЕРАИ МАН ОСЕБЕ НАМЕРАСОНӢ, БАЛКИ МУВОФИҚИ МЕҲРУБОНИЕ КИ БА ТУ КАРДАМ, РАФТОР МЕКУНӢ.
МАН БА ТУ ҚАВЛ МЕДИҲАМ.
ХОҶААМОН ИБРОҲИМ БА МАЪЛУМОТИ ТУ МЕРАСОНАД, КИ ЧӮПОНОНИ ТУ ЧОҲИ ОБЕРО, КИ ИБРОҲИМ КАНДААСТ, БО ЗӮРӢ ГИРИФТААНД.
МАН ФАҚАТ ҲОЗИР ДАР ИН БОРА ШУНИДАМ – ЧОҲИ ОБ АЗ ОНИ ХОҶААТОН ИБРОҲИМ ХОҲАД БУД. МАН ХУДАМ НАЗДИ ИБРОҲИМ МЕРАВАМ.
ИН БАРРАҲОИ МОДА, КИ ДАР ИН ҶО ҶУДО КАРДӢ, БАРОИ ЧИСТ?
ИНҲО БАРОИ ТУ МЕБОШАНД – ЧУН ШАҲОДАТИ ОН КИ ИН ЧОҲРО МАН КАНДААМ.
БАЙНИ ОИЛАИ ТУ ВА МАН БОЯД ҲАМЕША ОСОИШ БОШАД.
ПОДШОҲ БА ЗАМИНИ ФАЛИШТИЁН БАРГАШТ ВА ИБРОҲИМ ДАР БЕЭР-ШЕБАЪ НИҲОЛҲОИ ГАЗ ШИНОНД.
ВА ДАР ОН ҶО ХОНДАНИ НОМИ ПАРВАРДИГОР – ХУДОИ АБАДИРО САР КАРД.


ПАС АЗ ИН, ХУДО ХОСТ ИТОАТКОРИИ ИБРОҲИМРО САНҶАД.
ИБРОҲИМ!
ЛАББАЙ, ПАРВАРД-ИГОРАМ.
ПИСАРИ ЯГОНАИ ХУДРО, КИ ӮРО ДӮСТ МЕДОРӢ, ЯЪНЕ ИСҲОҚРО ГИРИФТА, БА САРЗАМИНИ МӮРИЁ РАВ.
ВА ДАР ОН ҶО ӮРО БАР ЯКЕ АЗ КӮҲҲОЕ КИ БА ТУ МЕГӮЯМ, БАРОИ ҚУРБОНИИ СӮХТАНӢ БАРОР.
ИБРОҲИМ САҲАРӢ ХАРИ ХУДРО ПОЛОН КАРД, ВА ДУ НАФАР АЗ ҒУЛОМБАЧАҲОЯШ ВА ПИСАРАШ ИСҲОҚРО ҲАМРОҲИ ХУД ГИРИФТ.
ИБРОҲИМ БАРОИ ҚУРБОНИИ СӮХТАНӢ ҲЕЗУМ ҶАМЪ КАРД, ВА СӮИ МАКОНЕ КИ ХУДО БА Ӯ ГУФТ, РАВОНА ШУД.



ДАР РӮЗИ СЕЮМИ САФАР ИБРОҲИМ ЧАШМ АНДОХТА, ОН КӮҲРО АЗ ДУР ДИД.
ШУМО ДАР ИН ҶО БО ХАР МОНЕД; ВА МАН БО ПИСАР БА ОН ҶО МЕРАВАМ.
МО БА ОН ҶО РАФТА, ПАРАСТИШ МЕКУНЕМ, ВА НАЗДИ ШУМО БАРМЕГАРДЕМ.
ИБРОҲИМ ҲЕЗУМИ ҚУРБОНИИ СӮХТАНИРО ГИРИФТА, БАР ПИСАРИ ХУД ИСҲОҚ БОР КАРД.
ОТАШ ВА КОРДРО ИБРОҲИМ БО ХУД ГИРИФТ.
ПАДАР?
ЛАББАЙ, ПИСАРАМ?
МО БО ХУД ОТАШ ВА ҲЕЗУМ ОВАРДАЕМ, АММО БАРРАИ ҚУРБОНӢ КУҶОСТ?
ХУДО ХУДАШ БАРРАИ ҚУРБОНИРО ОМОДА МЕКУНАД, ПИСАРАМ.




ҲАСТӢ 22:4-8


ИБРОҲИМ ҚУРБОНГОҲЕ СОХТ…
ИБРОҲИМ ҲЕЗУМРО БАР ҚУРБОНГОҲ ЧИД …
ИБРОҲИМ ПИСАРАШРО БАСТ …
…ВА ЎРО БАР ҚУРБОНГОҲ ГУЗОШТ.

ҲАСТӢ 22:9


…БАЪД ИБРОҲИМ КОРДРО ГИРИФТ, ТО ПИСАРИ ХУДРО КУШАД – ПИСАРИ ВАЪДАРО.

ҲАСТӢ 22:10




ҲАСТӢ 22:11-14


“БА ЗОТИ ХУД ҚАСАМ ЁД МЕКУНАМ”,–ГУФТ ПАРВАРДИГОР, –“АЗБАСКИ ТУ ИН КОРРО КАРДӢ ВА ПИСАРИ ЯГОНАИ ХУДРО ДАРЕҒ НАДОШТӢ, ТУРО БИСЁР БАРАКАТ МЕДИҲАМ ВА НАСЛИ ТУРО ХЕЛЕ ЗИЁД МЕКУНАМ, ЧУН СИТОРАГОНИ ОСМОН ВА ЧУН РЕГЕ КИ ДАР СОҲИЛИ БАҲР АСТ”.
“НАСЛИ ТУ ДАРВОЗАИ ДУШМАНОНИ ХУДРО СОҲИБӢ МЕКУНАД; ВА ҲАМАИ ХАЛҚҲОИ РӮИ ЗАМИН ДАР НАСЛИ ТУ БАРАКАТ МЕЁБАНД, ЧУНКИ БА ОВОЗИ МАН ГӮШ ДОДӢ”.


БАЪД ИБРОҲИМ НАЗДИ ҒУЛОМБАЧАҲОИ ХУД БАРГАШТ, ВА ОНҲО ЯКҶОЯ БА БЕЭР-ШЕБАЪ РАВОНА ШУДАНД.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**